ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи **«Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ)

Мутобиқати мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Кори диссертатсионии Солеҳзода Шоира Солеҳ таҳти унвони **«Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм манзур гардидааст, ба ихтисоси илмии **5.3. Педагогика**, махсусан дар доираи зертахассуси **5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ,** комилан мувофиқ аст. Таҳқиқоти анҷомёфта ба талаботи муосири назария ва амалияи методикаи таълими забони модарӣ, муносибати босалоҳият ба таълим ва рушди тафаккури забонии насли наврас ҷавобгӯ буда, масъалаҳои муҳими дар пеши фанни методикаи таълими забони тоҷикӣ истодаро ҳал менамояд.

Заррурати омӯзиши мавзуъ ва аҳаммияти он дар низоми илмҳои педагогӣ: Дар шароити имрӯзаи рушди ҷомеа ва таҳкими истиқлоли давлатӣ такмили низоми таълиму тарбия, баланд бардоштани савияи дониши забонӣ ва маънавии насли наврас яке аз вазифаҳои муҳимтарини соҳаи маориф ба шумор меравад. Омӯзиши забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо воситаи азхудкунии дониши фаннӣ, балки омили асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ, тарбияи ахлоқӣ ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон мебошад. Дар ин раванд, истифодаи сарватҳои бебаҳои забони модарӣ, аз ҷумла воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, ки инъикоскунандаи таҷрибаи чандинасра, хирад, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ахлоқӣ-маънавии ниёкон мебошанд, аҳаммияти хосса дорад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия муҳимтарин масоили марбут ба кори таҳқиқӣ, аз ҷумла мақсаду вазифаҳо, навгонӣ, мавзуъ, аҳаммияти амаливу назариявӣ тазаккур ёфта, сарчашмаҳо ва пойгоҳи таҳқиқ нишон дода шудаанд, манзараи умумии рисоларо ба хубӣ инъаикос намудааст.

Дар **боби якуми** диссертатсия, ки зери унвони **«Асосҳои илмӣ-методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва фарҳанги нутқ»** навишта шудааст, паҳлуҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши воҳидҳои мазкур мавриди пажуҳиши ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Муаллиф зимни таҳлили таърихи шаклгирии масъала, хусусиятҳои семантикӣ-сохтории воҳидҳои устувори забонӣ ва мафҳуми фарҳанги нутқ, андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷиро муқоисаву ҷамъбаст намудааст. Муҳимтарин дастоварди ин бахш муайян сохтани робитаи мустақими омӯзиши воҳидҳои паремиологию фразеологӣ бо рушди захираи луғавӣ, такомули маҳорати суханварӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ба шумор меравад. Ин мавод заминаи устувори назариявиро барои тарҳрезии методикаи минбаъда фароҳам овардааст.

Боби дуюми таҳқиқот – **«Заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** ба асоснок намудани равишҳои муосири методӣ, татбиқи муносибати босалоҳият ва муайян кардани роҳҳои амалии рушди нутқи хонандагон бахшида шудааст. Дар ин бахш рушди нутқ бо такмили фаъолияти таълимӣ ва интихоби оқилонаи воситаҳои дидактикӣ пайванд дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия бо номи **«Методикаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** пешниҳод гардида, дар он муаллиф ба баррасии интиқодӣ ва таҳлилу арзёбии ҳуҷҷатҳои меъёрии таълимӣ машғул шудааст. Дар ин бахш стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанни «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфҳои 5-11 мавриди омӯзиш қарор гирифта, муайян гардидааст, ки бо вуҷуди фаровонии маводди паремиологӣ ва фразеологӣ, татбиқи амалии он ба таҳқиқу танзим дар асоси низоми мушаххаси методии дастурӣ эҳтиёҷ дорад.

Боби чорум таҳти унвони **«Роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** моҳияти амалии пажӯҳишро инъикос намуда, дар он низоми машқҳо ба таври марҳилавӣ ва зина ба зина таҳия шудааст. Ин машқҳо муайян кардани хусусиятҳои фарқкунандаи воҳидҳои забонӣ, таҳлили наҳвӣ, интихоби дуруст ва истифодаи эҷодии онҳоро дар матнҳои мустақил (аз қабили эссе, иншо, муколама ва суханрониҳо) дар бар мегиранд. Илова бар ин, дар ин бахш нақши машғулиятҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳои адабӣ дар самти такмили салоҳияти иртиботии хонандагон ба таври муфассал таҳлил шудааст.

Дар **боби панҷум – «Озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** перомуни таҳқиқи таҷрибавӣ ва санҷиши амалии фарзияи илмӣ сухан рафтааст.

Дар ин ҷо муаллиф бо ҷалби доираи муайяни хонандагон, омӯзгорон ва волидон таҷрибаи педагогиро ба роҳ мондааст.

Арзёбии навгонии илмии таҳқиқот. Яке аз паҳлуҳои барҷаста ва бунёдии диссертатсия таҳия ва пешниҳоди методикаи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқию маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ мебошад. Муаллиф дар автореферат ва муҳтавои умумии кор навгонии илмиро бо таҳқиқи мустақили методикаи мазкур дар заминаи педагогикаи ватанӣ, коркарди низоми ҳамгирои омӯзиши паремияҳо ва фразеологизмҳо ҳамчун маҷмуи ягонаи таълимӣ-тарбиявӣ, муайян намудани меъёрҳои илман асосноки интихоби маводи таълимӣ, таҳияи силсилаи машқу супоришҳое, ки ба рушди тафаккури мантиқӣ ва фарҳанги нутқи хонандагон нигаронида шудаанд, асоснок намудааст.

Корбурди натиҷаҳои таҳқиқот дар муассисаҳои таълимӣ. Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии ин таҳқиқот имкон медиҳанд, ки раванди таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик бо маводи пурмазмуни паремиологӣ ва фразеологӣ бой гардонида шавад. Корбасти амсилаи пешниҳодшуда ва низоми методии таҳлили лексикӣ-семантикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар дарсҳои муқаррарӣ ва машғулиятҳои беруназсинфӣ ба баланд бардоштани салоҳияти забонӣ, тафаккури интиқодӣ ва таҳлилии хонандагон мусоидат мекунад.

Ҳадафи асосии таҳқиқи диссертатсионӣ. Мақсади асосии ин пажуҳиш муайян намудани омилҳои муассир дар раванди муоширати хонандагони муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ, бо дарназардошти талаботи муносибати босалоҳият ба таълим, инчунин таҳия ва омодасозии модели таълимӣ оид ба ташаккул ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии фолклори педагогии тоҷикӣ дар ҷараёни дарзҳои забон ва адабиёти тоҷик мебошад.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Довталаби дараҷаи илмӣ барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда бо такя ба методҳои мушоҳида, муқоиса, тавсиф, таҳлил, ҷамъбаст, танзими иттилоот, таҷрибаи педагогӣ, пурсиш, мусоҳиба, таҳлили оморӣ ва ғайра кори диссертатсиониро анҷом додааст.

Дар таҳқиқи диссертатсионӣ осори педагогӣ, равишшиносӣ, равоншиносӣ, адабиёти бадеӣ, пойгоҳи иттилоотию рақамӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва

дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар ҷумҳурӣба сифати **сарчашмаи иттилоотии таҳқиқ** истифода гардидаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои аз санҷиши амалӣ гузаштаи пажуҳиши илмӣ, ки ба рушду ташаккули фарҳанги гуфтори хонандагон дар асоси арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии воҳидҳои паремиологӣ ҳамчунин фразеологӣ равона гардидаанд, ҷиҳати истифода дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик, машғулиятҳои факултативӣ, корҳои беруназсинфӣ, инчунин дар раванди таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таълимӣ хеле муҳим ва судманд мебошанд.

Интишороти муаллифи диссертатсия аз лиҳози теъдод ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд.

Эрод ва нуктаҳои баҳсталаб дар диссертатсия. Бо вуҷуди муҳассаноти зиёд дар автореферати диссертатсия ба нуктаҳои қобили мулоҳиза вуҷуд дорад, ки ба назар гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Баъзе талаботи зикри ҷадвалҳо дар дохили матн, аз ҷумла номгузории ҷадвал ва дар ду саҳифа ҷой гирифтани он, риоя нашудааст (саҳифаҳои 47, 48-и гунаи тоҷикӣ ва 50-52-и қисмати русии автореферат).

2. Баъзе фаслҳо аз давоми ҷумлаҳои шарҳи матолиби муқаддимотӣ ҷой дода шудаанд. Ба андешаи ин ҷониб, зикри рақам ва номи зербоб аз сархат навишта шавад хубтар аст, дар ҳоле ки шарҳи вожаҳои одӣ аз сархат оварда шудаанд.

3. Дар чанд маврид, фосилаи сархат фурӯгузор гардидааст (масалан с. 36) ва ғалатҳои имлоиву техникӣ дар автореферат (с. 7, 11...) роҳ ёфтаанд.

Қобили таъкид аст, ки норасоиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба назар гирифтани ин нуктаҳо дар оянда ба манфиати довталаби дараҷаи илмӣ аст.

Маҷмуан, автореферати диссертатсияи **Солеҳзода Шоира Солеҳ** дар мавзуи **«Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон»** дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқат мекунад ва унвончӯ сазовори дарёфти дараҷаи илмии **доктори**

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 5.3. Педагогика (5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология ва
сотсиологияи идоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабзода Маҳмадулло

Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Шероз, 30/7,17
Тел.: (+992) 988926333
E-mail: rmg-2013@mail.ru

Имзои М. Раҷабзодаро
“Тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

«05» 11 соли 2026

Нишонӣ: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: Телефон: +992(37) 224-17-86.
Сомоан: https://apa.tj/ ; E-mail: info@apa.tj